# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

### Дар бораи Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Мутобиқи моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор барои амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чораҳои зарурӣ андешад.

3. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти амалишавии Стратегияи мазкур ҳар сол то 10 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 10 июни соли 2021,
№210 тасдиқ шудааст

Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то Соли 2030

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Инноватсияҳо (рушд дар асоси навоварӣ дар ҳамаи самтҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар) яке аз се принсипҳои асосие мебошанд, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – СМР-2030) барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ муайян гардидаанд. Дар навбати худ, афзалияти муҳимми стратегияи иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти инноватсия дастгирии рушди низоми моликияти зеҳнӣ ва тиҷоратикунонии он ба ҳисоб меравад.

2. Давлат соҳаи фаъолияти зеҳниро ҳамчун механизми мусоидаткунандаи рушди иқтисодӣ тавассути ташаккули заминаи мустаҳками меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти инноватсионӣ ва содагардонии низоми ба даст овардани ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ дастгирӣ менамояд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти азнавташкилдиҳии институтсионалӣ, ислоҳоти сохторӣ, ташаккули инфрасохтори иқтисоди бозорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионӣ дар кишвар тадбирҳои зарурӣ меандешад. Ҳамаи ин вазифаҳо дар Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – Стратегия) ифода меёбанд.

4. Стратегия дурнамои низоми миллии моликияти зеҳнӣ, мақсадҳо, чораҳои махсус ва амалҳоро оид ба иҷрои онҳо муайян менамояд. Стратегия давоми Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №371 тасдиқ шудааст, ба ҳисоб меравад.

5. Стратегия дар асоси таҳлили вазъи имрӯзаи соҳаи моликияти зеҳнӣ таҳия шуда, афзалиятҳои минбаъда ва дурнамои рушди низоми миллии моликияти зеҳниро муайян менамояд. Асоси ин Стратегияро муқаррароти СМР-2030 оид ба рушди инноватсионӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти эҷодии шаҳрвандон, аз ҷумла насли наврас ва ҷавонон ташкил медиҳад.

6. Дастоварди муҳимтарини Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 ин гузариши масъалаҳои рушди моликияти зеҳнӣ аз сатҳи идоравӣ ба сатҳи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Агар пештар идораҳои вобаста ба масъалаҳои гуногуни

моликияти зеҳнӣ машғулбуда аз рӯи самтҳои худ дар алоҳидагӣ кор мекарданд ва бо тарафҳои дигари манфиатдор ҳамкорӣ надоштанд, ин раванд пас аз таъсиси Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ тағйир ёфт. Шӯрои миллӣ, ки онро муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ мекунад ва ба ҳайати он намояндагони вазорату идораҳои дахлдор дохил мешаванд, бо дарназардошти манфиатҳои давлат мақсадҳои стратегиро мегузорад. Инчунин, корҳои назаррас оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти моликияти зеҳнӣ ба анҷом расонида шуданд (солҳои 2016 ва 2019 ба қонунҳо тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд), лоиҳаи китоби дарсӣ оид ба асосҳои моликияти зеҳнӣ таҳия гардид, курсҳои омӯзишӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, конференсия ва озмунҳо оид ба баланд бардоштани савияи дониши ҷавонон ва мутахассисон вобаста ба масъалаҳои ташкил, ҳифз ва истифодаи моликияти зеҳнӣ ташкил карда шуданд.

7. Сарфи назар аз дастовардҳои муайян, моликияти зеҳнӣ ҳоло ҳам омили калидӣ дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар нагардидааст.

8. Рушди инноватсия на танҳо бо сатҳи илм ва техника дар кишвар, балки бо дараҷаи ҳифзи ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти моликияти зеҳнӣ, инчунин бо сатҳи дастгирии давлатии соҳаи моликияти зеҳнӣ низ алоқамандии зич дорад. Аммо на танҳо масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи объектҳои моликияти зеҳнӣ, балки истифодаи объектҳои моликияти зеҳнӣ, пеш аз ҳама, ихтирооти дар заминаи рушди инноватсионӣ, ташаккули техника ва технологияҳои навин қарордошта бояд ҳал карда шаванд.

9. Яке аз вазифаҳои асосии Стратегия ин ислоҳоти низоми миллии моликияти зеҳнӣ ба ҳисоб меравад, ки он ба рушди иқтидори иқтисодӣ ва эҷодии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии он дар низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат менамояд. Стратегия бояд нақшаи гузариш аз модели захиравӣ-ашёии иқтисодӣ ба навъи инноватсионии онро муайян намояд, дар ҳоле ки ҳиссаи назаррасро дар иқтисодиёт моликияти зеҳнӣ ишғол менамояд.

10. Низоми самараноки моликияти зеҳнӣ, ташкили муҳити инноватсионӣ дар соҳаҳои илм, тиҷорат ва маориф, ки онҳоро давлат дастгирӣ менамояд, бояд ҷузъҳои асосии зарурии зеринро дар бар гиранд:

- заминаи қонунгузорӣ: қонунгузорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои ҷиноятӣ, гумрук ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

- заминаи институтсионалӣ: инфрасохтор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, ки аз маҷмӯи унсурҳо ва муносибатҳо барои таъмин ва дастгирии фаъолияти муносиби низом иборат аст;

- самти фаъолият: татбиқи ҳуқуқ ё ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, идораи моликияти зеҳнӣ, баҳодиҳии объектҳои моликияти зеҳнӣ,

брендинги миллӣ, муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва ғайра;

- воситаҳои ҳавасмандгардонӣ: маҷмӯи усулҳои молиявӣ, маънавӣ ва дигари ҳавасмандгардонии ҷараёни таъсис ва истифодаи объектҳои моликияти зеҳнӣ;

- заминаи иҷтимоӣ: шаҳрвандон ба сифати истеъмолкунандагони молҳо ва хизматрасонӣ, мутахассисони эҷодкор (навоварон), инчунин субъектҳои хоҷагидорӣ, ки моликияти зеҳниро барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир истифода менамоянд.

11. Ҳангоми таҳияи Стратегия таҷрибаи татбиқи Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020 ба эътибор гирифта шуда, ҳуҷҷатҳои стратегияҳои миллӣ, ки ба моликияти зеҳнӣ ва инноватсия алоқаманд мебошанд, инчунин тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ (минбаъд – СУМЗ) оид ба таҳияи стратегияи миллии моликияти зеҳнӣ барои давлатҳои рӯ ба иқтисодиёти гузариш таҳлил гардидаанд. Ин имконият дод, ки таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ, дастовардҳои илм ва бартарияти рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шаванд.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ҶОРИИ СОҲАИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

12. Низоми моликияти зеҳнӣ, ки пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудааст, рушд ва такмил ёфта истодааст. Низоми мазкур имконият медиҳад, ки ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба таври дахлдор таъмин шуда, қонунгузории амалкунанда ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқат карда шавад. Таҳлили вазъи ҷорӣ имконият медиҳад, ки вазифа ва мақсадҳои гузошташудаи Стратегия татбиқ карда шаванд.

### §1. Масъалаҳои заминаи қонунгузорӣ

13. Воситаи асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи равандҳои инноватсионӣ, ки ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои соҳавие, ки ба масъалаҳои ҳифз ва истифодаи моликияти зеҳнӣ алоқамандӣ доранд, асос ёфтааст.

14. Тағйиру иловаҳо ба қонунҳои соҳавӣ, инчунин меъёрҳои дахлдори кодексҳои гражданӣ, ҷиноятӣ, гумрук ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ворид карда шуданд. Дар маҷмӯъ, заминаи қонунгузорӣ ба меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шудааст.

15. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар рушди низоми моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро иҷро менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои СУМЗ, Ташкилоти патентии Авруосиё (ТПАО),

Шӯрои байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳимояи моликияти зеҳнӣ (ШБМЗ) мебошад. Айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 25 шартнома ва созишномаи бисёрҷонибаи байналмилалӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ҳамроҳ шуда, як қатор шартномаҳои дуҷонибаи байниҳукуматӣ ва байниидоравиро ба имзо расонидааст.

16. Дар рафти гуфтушунидҳо бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) оид ба масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмони мазкур аз соли 2001 то соли 2012 қонунҳои нави соҳавӣ таҳия карда шуда, қонунгузории амалкунандаи соҳавӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ вобаста ба мавҷудият, ҳаҷм, истифодабарӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар Созишнома оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (Созишномаи ТРИПС) инъикос ёфтаанд, такмил дода шуданд.

17. Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ» стандартҳои миллии баҳодиҳии объекти моликияти зеҳнӣ тасдиқ карда мешавад.

18. Дар қонунгузорӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ҷавобгарии граждании-ҳуқуқӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гардидааст.

## §2. Масъалаҳои заминаи институтсионалӣ

19. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ дар салоҳияти якчанд мақомоти давлатӣ қарор дорад:

- моликияти саноатӣ (ихтироот, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ, номи ҷойи пайдоиши мол (ишораҳои ҷуғрофӣ), топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ) ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо (минбаъд – Идораи патентӣ);
- ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ба шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба они Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дастовардҳои селексионӣ ба Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

20. Бо мақсади амалигардонии Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020, инчунин барои ҳамоҳангсозӣ ва таъмини ҳамкории вазорату идораҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2014, №767 дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ таъсис дода шуд. Раиси Шӯро муовини Сарвазир, аъзои Шӯро шахсони мансабдори вазорату идораҳо ба ҳисоб мераванд.

21. Ба вазифаҳои Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ таҳияи сиёсат ва стратегияи ҳавасмандии моликияти зеҳнӣ, ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои самараноки байниидоравӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкунӣ, такмили қонунгузорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва амалигардонии онҳо дохил мешаванд.

22. Дар вилояти Суғд намояндагии Идораи патентӣ амал менамояд, ки вазифаи он қабули аризаҳо барои бақайдгириии объектҳои моликияти саноатӣ, гузаронидани машваратҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ба даст овардани ҳифзи ҳуқуқ ба ихтироот, намунаҳои саноатӣ ва тамғаҳои молӣ мебошад.

23. Барои таъмини дастрасӣ ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти истифодабарандагон ба маълумот оид ба фаъолияти инноватсионӣ ва объектҳои моликияти зеҳнӣ, истифодабарии инноватсияҳо ва технологияҳои нав интернет-портали миллии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Дар интернет-портал маълумот дар бораи фаъолияти инноватсионӣ, технологияҳои нав, хизматрасониҳои вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотии соҳавӣ, ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ, соҳибкории хурду миёна ҷойгир карда мешаванд.

24. Дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он унсури асосии инфрасохтор ташкилотҳо оид ба идоракунии коллективии ҳуқуқи молумулкӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳо фаъолияти худро дар натиҷаи ихтиёран муттаҳид намудани моликони бевоситаи ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он амалӣ менамояд ва ё аъзои ташкилотҳои мазкур мегарданд, ё ба онҳо дар асоси шартномаи хаттӣ ваколат дода мешавад.

25. Институти намояндагони патентӣ дар соҳаи моликияти саноатӣ унсури ҷудонопазири ҳамаи низомҳои миллии моликияти зеҳнӣ ба ҳисоб рафта, мутобиқи муқаррароти моддаи 2 Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои он ба ҳисоб меравад, намояндагии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар идораҳои патентии миллӣ таъмин карда мешавад. Айни замон 21 намояндаи патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро амалӣ намуда истодаанд.

## §3. Самтҳои фаъолият

26. Яке аз масъалаҳои асосӣ дар самти ҳимояи объектҳои моликияти зеҳнӣ ин баррасии баҳсҳо ва эътирозҳои соҳибҳуқуқони объектҳои моликияти зеҳнӣ ҳангоми бақайдгирӣ, вайрон шудани ҳуқуқҳои онҳо ва рақобати бевиҷдонона дар бозор ба ҳисоб меравад. Мутобиқи қонунгузорӣ чунин баҳсҳо аз тарафи судҳо (асосан иқтисодӣ) баррасӣ мешаванд.

27. Дар сохтори Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи махсус оид ба мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ амал менамояд.

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ якҷо бо мақомоти соҳавӣ дар нуқтаҳои савдои ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ошкорнамоӣ ва пешгирии паҳншавии маҳсулоти қочоқ ва қалбакӣ санҷишҳои давравиро мегузаронанд.

28. Хадамоти гумрук феҳристи объектҳои моликияти зеҳниро амалӣ намуда, дар доираи фаъолияти он тибқи тартиби муқарраргардида барои боз доштани воридоти молҳои қалбакӣ дар асоси аризаи дорандаи ҳуқуқи истисноии моликияти зеҳнӣ ба объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ихтироот, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ ва номи ҷойи пайдоиши мол чораҳои дахлдорро роҳандозӣ менамояд. Чораҳои пешбинишуда ҳангоми интиқоли мол тавассути сарҳади гумрукӣ ё иҷрои амалҳои дигар бо моли таҳти назорати гумрукӣ қарордошта истифода бурда мешавад.

## §4. Воситаҳои ҳавасмандгардонӣ

29. Дар доираи як қатор озмунҳо ва чорабиниҳо ҷиҳати дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ихтироъкорон ва беҳсозон (ратсионализаторон), нававарони ҷавон, 21 ихтироъкори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали тиллоии СУМЗ, 11 нафар бо медали тиллои ба номи В.И. Блинникови Ташкилоти патентии Авруосиё («Барои саҳм гузоштан дар фаъолияти ихтироъкорӣ ва патентӣ») ва 16 ихтироъкори ҷумҳурӣ бо медали «Нишони фахрӣ»-и Идораи патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шудаанд.

30. Дар давраи солҳои 2012-2019 ба намоишгоҳи байналмилалии «Занон – ихтироъкорони ҷаҳон», ки ҳар сол дар шаҳри Сеули Кореяи Ҷанубӣ гузаронида мешавад, Идораи патентӣ 48 ихтирои 29 зан-ихтироъкори ҷумҳуриро пешниҳод намуд, ки онҳо бо 47 медалҳои тилло, нуқра ва биринҷӣ сазовор дониста шуданд.

31. Дар ду сол як маротиба озмуни ҷумҳуриявии «Ихтироъкори беҳтарини Тоҷикистон» гузаронида мешавад, инчунин моҳи октябри соли 2014 бори аввал дар ҷумҳурӣ Форуми ихтироъкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти шиори «Аз ихтироъ ба инноватсия» гузаронида шуд. Моҳи октябри соли 2016 озмуни ҷумҳуриявии «Нававарон ва ихтироъкорони наврас ва ҷавон» таҳти шиори «Қадам ба сӯи оянда», солҳои 2013, 2017 ва 2019 озмуни ҷумҳуриявии бренди сол таҳти шиори «Қуллаи шараф» барои муайян намудани бренди беҳтарини сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

## §5. Масъалаҳои заминаи иҷтимоӣ

32. Барои тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ бо соҳибкорон, ходимони илмӣ ва омӯзгорон, инчунин васоити ахбори омма Идораи патентӣ маводи гуногунро барои ташвиқ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ таҳия ва нашр менамояд, аз ҷумла курсҳои таълимӣ ва

мавзӯӣ, тренингҳо, семинарҳои байналмилалӣ, миллӣ ва минтақавӣ оид ба масъалаҳои муҳимми ҳифз ва истифодаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ барои табақаҳои гуногуни истифодабарандагон (намояндагони мақомоти давлатӣ ва судӣ, муассисаҳои академӣ ва донишгоҳҳо, тоҷирон, намояндагони патентӣ, ихтироъкорон, донишҷӯён ва дигарон) ташкил менамояд.

33. Дар Идораи патентӣ тӯли чанд сол аст, ки кафедраи ҳифзи объектҳои моликияти саноатӣ фаъолият мекунад ва саҳми худро дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ ва касбии кишвар мегузорад. Илова ба ин, дар кафедра барои вазорату идораҳои дахлдор курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ ташкил карда мешаванд.

34. Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ мутахассисон ҳамасола дар шаҳру вилоятҳои кишвар чорабиниҳои гуногун мегузаронанд.

## 3. МАСЪАЛАҲОИ АСОСӢ ДАР СОҲАИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ

35. Муваффақиятҳои муайянро дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, бахусус, дастовардҳое, ки дар рафти амалигардонии Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнӣ барои солҳои 2014-2020 ба даст оварда шудааст, ба эътибор гирифта, зикр намудан лозим аст, ки як қатор масъалаҳои ҳалношуда мавҷуданд. Илова ба ин, баъзе аз чораҳои андешидашуда оид ба рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ такмили минбаъдаро талаб мекунад.

### §1. Масъалаҳои заминаи қонунгузорӣ

36. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии масъалаҳои баҳогузории арзиши ҳуқуқи объектҳои моликияти зеҳнӣ, манбаи методӣ барои муайян намудани ҳаҷми зарари дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ расонидашуда, механизмҳои самараноки баҳисобгирӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар истеҳсолот бояд такмил дода шаванд.

37. Заминаи қонунгузорӣ дар самти пешбурди фаъолияти электронӣ, бахусус, пешниҳоди аризаҳо тариқи электронӣ (рақамӣ) барои бақайдгирии объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба такмил ниёз дорад.

38. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» муносибатҳои ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи ишораҳои ҷуғрофии ҷойи пайдоиши мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим медарорад. Вале дар амал қонун ба ду объект – номи ҷойи пайдоиши мол ва ишораи пайдоиши мол дахл дорад ва ҳамаи объектҳои соҳара ба назар намегирад. Бинобар ин, қонуни мазкур такмилро тақозо менамояд.

39. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номи фирмавӣ ва дар бораи намояндагони патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қабул карда шаванд.

## §2. Масъалаҳои заминаи институтсионалӣ

40. Айни замон мақоми давлатии масъул оид ба рушди инноватсия дар кишвар, аз ҷумла барои тиҷоратикунонӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани объектҳои моликияти зеҳнӣ вуҷуд надорад.

41. Рушди нокифояи инфрасохтори дастгирии лоиҳаҳои дорои технологияи баланд ба мушоҳида мерасад, ки салоҳияти бахши таҳқиқот ва коркардро бо имкониятҳои истеҳсолӣ ва технологии бахши воқеии иқтисод пайваст менамояд.

42. Истифодаи нокифояи объектҳои моликияти зеҳнӣ ва инноватсияҳо, сатҳи пасти ҷорӣ намудани ихтирооти патенткардашуда дар истеҳсолот зикр мегардад, ки бештари онҳо самараи пасти иқтисодӣ доранд.

43. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, судҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бахши хусусӣ ба мутахассисони баландихтисос дар соҳаи идоракунии моликияти зеҳнӣ ниёз доранд.

## §3. Самти фолият

44. Ҳуҷҷатҳои таъминоти меъёрии ҳуқуқии миллии усули баҳогузорӣ, баҳисобгирии омории ба гардиши тиҷоратӣ ҷорӣ намудани объектҳои моликияти зеҳнӣ мавҷуд намебошанд.

45. Ҳамоҳангсозии нокифояи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мавҷуд набудани нақшаҳои мушаххаси амалиёт, маълумот дар бораи натиҷаҳои ба даст овардашуда дар самти мубориза бар зидди маҳсулоти қалбакӣ ва қочоқ, норасоии мутахассисон, восита ва захираҳои дигар, зарурати такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва иттилоотонии мунтазами онҳо, талаботи расидан ба сатҳи нисбатан баланди тахассуси судягӣ, ки ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ вобастагӣ дорад, ба назар мерасанд.

46. Иштироки соҳибҳуқуқон дар ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ маҳдуд карда мешавад, инчунин рушди низоми идоракунии коллективии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар сатҳи нокифоя мебошад.

47. Брендинги миллӣ ва брендингҳои минтақавию ҳудудӣ ба таври зарурӣ рушд наёфта истодаанд.

## §4. Масъалаҳои заминаи иҷтимоӣ

48. Анъанаҳои муайяни ҳимоя ва риояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, инчунин сатҳи нокифояи маърифатнокии ҷомеа оид ба масъалаҳои моликияти зеҳнӣ сабаби сатҳи хеле баланди ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ (қалбакӣ ва қочоқ) мебошад, аз ҷумла истифодаи васеи

барномаҳои компютерии ғайриичозатномавӣ, шумораи зиёди ҳолатҳои рақобати бевиҷдонона бо аломатҳои поймол намудани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар сатҳи зарурӣ ба танзим дароварда нашудааст.

## 4. ВАЗИФА ВА НИЗОМИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

49. Вазифаи низоми моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз таъмини ҳавасмандгардонии эҷодиёт, таҳқиқот, сармоягузорӣ, интиқоли технологияҳо, рақобати бовиҷдонона бо роҳи рушди муносиби заминаҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоӣ иборат мебошад, ки ба рақобатпазирӣ ва рушди иқтисодиёти миллии аз дониш ва инноватсияҳо асосёфта мусоидат менамояд.

50. Низоми моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди фаъолияти инноватсионӣ, фаъолнокии эҷодкорӣ, таҳкими иқтидори зеҳнӣ ва таъмини рақобати озод, ҷорӣ намудани натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, таҳқиқотҳо ва донишҳо дар истеҳсолот ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд, инчунин некуаҳволии шаҳрвандони Тоҷикистонро баланд мебардорад.

## 5. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

51. Мақсади асосии Стратегия баланд бардоштани самаранокии низоми миллии моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла таъсиси бозори муосири моликияти зеҳнӣ ва роҳандозии низоми воситаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти эҷодӣ ба ҳисоб меравад.

52. Ҳадафи стратегӣ аз ҳадафҳои мушаххас дар соҳаҳои муайян иборат аст, ки дар маҷмӯъ афзоиши самаранокии низоми миллии моликияти зеҳниро таъмин менамояд, инчунин вазифаҳои овардашуда барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда заруранд.

53. Мақсадҳои Стратегия барои рушди самтҳои зерини иқтисодиёт ташаккул ёфтаанд:

- инноватсия;
- тиҷоратикунонӣ;
- рақамикунонӣ;
- брендҳои минтақавӣ;
- ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ;
- тарғиби моликияти зеҳнӣ;
- маърифатнокии насли наврас ва ҷавонон.

### §1. Инноватсия. Ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ

54. Барои таъмини заминаи мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва шароити зарурӣ барои ташкили фаъолияти инноватсионӣ бояд муносибати низомӣ ба ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ истифода шавад. Яке аз вазифаҳои муҳим ин фаъолгардонии эҷодиёти зеҳнӣ бо роҳи ҳавасмандгардонии фаъолияти ихтироъкорӣ ва инноватсионӣ, инчунин ҷалби фаъолонаи ҷавонон ба соҳаи эҷодиёти илмӣ-техникӣ ба ҳисоб меравад.

55. Давлат ҷараёнҳои инноватсиониро бевосита танзим намуда, ташаббускори навоварӣ ва ҳамчун иштирокчии муносибатҳои марбута амал карда, бо ин муносибати худ бо усулҳои ғайримустақим инноватсияро ҳавасманд гардонида, механизмҳои муносиби иқтисодиро ташкил менамояд.

56. Таъсиси масъалаи мақоми ягонаи давлатӣ, ки ба рушди инноватсионӣ дар кишвар, аз ҷумла баҳисобгирӣ, тиҷоратикунонӣ ва татбиқи объектҳои моликияти зеҳнӣ масъул мебошад, бояд баррасӣ намояд.

57. Бо мақсади ҳавасманд намудани фаъолияти ихтироъкорӣ бояд самаранокии ҷорӣ намудани унвонҳои фахрии «Ихтироъкори шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Ратсионализатори шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ карда шаванд.

58. Ҷиҳати ҷамъоварӣ намудани иттилоот (барӯйхатгирӣ) феҳристи ширкатҳои инноватсионӣ ва такшилотҳое, ки моликияти зеҳниро дар фаъолияти худ истифода мебаранд, таъсис дода шавад ва нишондиҳандаҳое, ки фаъолияти инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамоянд, таҳия карда шаванд.

59. Чораҳо оид ба такмили низоми ҳавасмандгардонӣ барои фаъолияти инноватсионӣ таҳия карда шаванд.

60. Имконияти таъсиси фондҳои инноватсионии венчурӣ барои намудҳои гуногуни фаъолият – саноатӣ, кишоварзӣ, хизматрасониҳо дар соҳаҳои гуногун баррасӣ шаванд.

61. Шабакаи марказҳо (марказҳои дастгирии технология ва инноватсия) оид ба хизматрасониҳои миёнарави хусусияти гуногундошта, ки дастрасии васеъро барои ҳамаи шахсони манфиатдор, аз ҷумла субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо хизматрасонии иттилоотӣ, муҳандисӣ, машваратӣ, маркетингӣ ва рекламавӣ, инчунин хизматрасониҳо дар самти экспертизаи технологӣ ё молиявии лоиҳаҳо, интиқоли технологияҳо аз рӯи ҳамаи марҳилаҳои ҷараёни инноватсионӣ, патенткунонӣ ва иҷозатномадиҳӣ, сармоягузории венчурӣ, суғуртаи хавфҳои инноватсионӣ ва аудити технологӣ таъмин менамояд, ташкил карда шавад.

62. Аудити фаъолияти технопаркҳои мавҷуда барои муайян намудани самаранокии фаъолияти онҳо ва талаботи иқтисодиёт дар рушди соҳаҳои алоҳида гузаронида шавад. Дар асоси таҳлили аудити гузаронидашуда пешниҳодҳо оид ба таъсиси технопаркҳои нав ва ҳангоми зарурат, қисман

ё пурра тағйирдиҳии самти фаъолияти технопаркҳои мавҷуда омода карда шаванд.

### §2. Тиҷоратикунонӣ ва таъсиси бозори моликияти зеҳнӣ

63. Объектҳои моликияти зеҳнӣ айни замон фаъолона ба муомилоти иқтисодӣ ҷалб карда мешаванд ва ба мол табдил меёбанд, яъне мавзӯи тиҷоратикунонӣ мегарданд. Дар баробари ин, фароҳам овардани муҳити мусоиди инноватсионӣ бе ташкили бозори моликияти зеҳнӣ ва инфрасохтори тиҷоратикунонӣ ғайриимкон мебошад.

64. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор барои таъсиси институти баҳогузорони моликияти зеҳнӣ бо ташкили омӯзиши онҳо таҳия ва қабул карда шаванд.

65. Дастурамали баҳогузории объектҳои моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои дигари ғайримоддӣ таҳия карда шуда, тавсияҳои дахлдори методӣ нашр карда шаванд.

66. Дар назди муассисаҳои илмии дахлдор ва муассисаҳои таълимӣ воҳидҳои зерсохторӣ оид ба тиҷоратикунонӣ ва истифодабарии моликияти зеҳнӣ таъсис дода шаванд.

67. Барӯйхатгирӣ оид ба ошкор намудани объектҳои моликияти зеҳнӣ барои минбаъд ба тавозуни муҳосибӣ гирифтани ин объектҳо барои корхонаҳое, ки аз ҷиҳати захира иқтидори доштани объекти моликияти зеҳниро доранд, ташкил карда шавад.

68. Чораҳои ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла бо ёрии имтиёзҳои андозӣ оид ба гузаронидани аудит ва дар рӯйхати муҳосибӣ гузоштани моликияти зеҳнӣ ҳамчун дороиҳои ғайримоддии субъектҳои хоҷагидор омода карда шаванд.

69. Равзанаи интернетии субъектҳои моликияти зеҳнӣ ва шахсони манфиатдор, харидорони эҳтимолӣ ҷиҳати тиҷоратикунонии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ таҳия карда шавад. Равзана дорои феҳристи объектҳои моликияти зеҳнӣ буда, барои тиҷоратикунонӣ дастрас бошад (бо роҳи вогузорӣ, иҷозатномадиҳӣ).

### §3. Рақамикунонии раванди ҳифз ва ҳимояи объектҳои моликияти зеҳнӣ

70. Рақамикунонӣ тамоюли (тренди) умумиҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт тавассути интиқоли ҷараёнҳои дар тиҷорат мавҷудбуда ба манбаи ҳисобнамоии компютерӣ, нигоҳдории электронӣ ва мубодилаи маълумотҳо ҳамаҷониба амалӣ карда мешавад. Барои низоми моликияти зеҳнӣ, пеш аз ҳама, гузариши бақайдгирии давлатии объектҳои моликияти зеҳнӣ ба муҳити рақамӣ, таъсиси инфрасохтори дахлдор ва хизматрасониҳои фосилавӣ зарур мебошад.

71. Манбаи маълумотии объектҳои моликияти зеҳнӣ дар шакли низоми иттилоотии фосилавӣ бо дастрасии маълумот ба объектҳои ҳифзшавандаи моликияти зеҳнӣ таъсис дода шавад.

72. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани пешниҳоди аризаи рақамӣ ҷиҳати бақайдгирии объектҳои моликияти зеҳнӣ, пардохти рақамии хизматрасониҳо, мукотиботи рақамӣ оид ба коргузорӣ ва бақайдгирии вогузории ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ таҳия ва қабул карда шаванд.

73. Низоми гардиши ҳуҷҷатгузории рақамӣ бо мақсади автоматикунонии пурраи экспертизаи давлатӣ ва баланд бардоштани сифат ва доираи хизматрасониҳои аз ҷониби Идораи патентӣ пешниҳодшаванда ҷорӣ карда шавад.

74. Портали хизматрасониҳои рақамии Идораи патентӣ бо дастрасии барномаи мобилӣ ҷиҳати пешбурди ҷустуҷӯ аз рӯи феҳристҳо ва манбаъҳои иттилоотии Идораи патентӣ таъсис дода шавад.

75. Механизми зарурии ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи риояи муқаррароти қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар муҳити рақамӣ, аз ҷумла нисбати барномаҳои иҷозатномадошта ва маҳсулоти мултимедиавӣ таҳия карда шавад.

76. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бо мақсади таҳлили тамоюли истифодабарии технологияҳои муосири рақамӣ, блокчейнҳо, нейросетҳо ва технологияҳои зеҳнияти сунъӣ дар фаъолияти идораҳои моликияти зеҳнӣ гузаронида шаванд.

## §4. Брендҳои минтақавӣ.<br>Истифодаи ишораҳои ҷуғрофӣ

77. Айни замон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» танҳо номи ҷойи пайдоиши мол ба қайд гирифта шуда, ҳифз карда мешавад. Аммо дар тамоми ҷаҳон марҳила ба марҳила ишораҳои ҷуғрофӣ ҳамчун объекти алоҳидаи моликияти зеҳнӣ, ки аз номи ҷойи пайдоиши мол фарқ мекунад, ҷорӣ карда шуда истодааст. Барои ишораҳои ҷуғрофӣ талабот нисбат ба хусусияти алоқа байни ҷойи пайдоиш ва хусусияти мол паст карда шудааст, ки ин ба даст овардани ҳифзи ишораҳои ҷуғрофиро осон мегардонад.

78. Истифодаи фаъолонаи ишораҳои ҷуғрофӣ барои фардикунонии молҳо, болоравии маъруфияти минтақа, ҷалби сармоя барои рушди он, нигоҳдории минтақаҳои аҳолинишин, афзоиши ҷойҳои корӣ ва рушди сайёҳӣ мусоидат менамояд. Илова ба ин, ишораи ҷуғрофии бақайдгирифташуда метавонад баъзе кафолатҳоро ба сармоягузорони эҳтимолӣ пешниҳод намояд.

79. Зарурияти рушди брендинг аз СМР-2030 бармеояд: «мусоидат намудан дар ташаккули брендҳои миллӣ, болоравии нуфуз ва такмили

маҳсулоти корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёти Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ».

80. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» вобаста ба объекти нав – ишораҳои ҷуғрофӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

81. Мақсаднокии ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Санади Женевагии Созишномаи Лиссабон «Дар бораи номи ҷойи пайдоиши мол ва ишораҳои ҷуғрофӣ (аз 20 майи соли 2015)» таҳлил карда мешавад.

82. Дастурҳо ва тавсияҳо вобаста ба расмиёти бақайдгирӣ ва истифода бурдани ишораҳои ҷуғрофӣ ҷиҳати пешбурди маҳсулот таҳия ва нашр карда мешаванд.

83. Чорабиниҳо ҷиҳати фаҳмондадиҳии маъруфият ва бартарияти ишораҳои ҷуғрофӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва тартиби бақайдгирии ишораҳои ҷуғрофӣ дар Идораи патентӣ ташкил карда мешаванд.

84. Истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва фарҳангӣ, ки таркиби беназирӣ ва ҷолибияти махсуси истеъмолиро доро мебошанд ва бо истифода аз ишораҳои ҷуғрофӣ онҳоро ба бозор ҳамчун молҳои беназир баровардан мумкин аст, ҳавасманд карда мешаванд.

85. Дастгирии ташаккулёбии брендҳои минтақавӣ, ки аз захираҳои иқтисодӣ, иқтидори иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва табиӣ-фароғатии минтақа асос ёфтааст ва онҳо ҳамчун омили муҳимми рушди минтақа ва пешбурди маҳсулоти минтақа мусоидат менамояд, таъмин мегардад.

86. Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ истифодаи васеи брендҳои минтақавиро ба роҳ монад.

### §5. Ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ. Мубориза бо ҳуқуқвайронкунии объектҳои моликияти зеҳнӣ

87. Дар шароити глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳон ва болоравии сатҳи савдои байналмилалӣ вазифаи ошкорнамоӣ ва пешгирии вайронкунии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Сатҳи баланди ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ имконият медиҳад, ки монеа дар роҳи рушди савдои байналмилалӣ бартараф карда шуда, ба истеъмолкунандагон кафолати сифати баланд ва бехатарӣ таъмин гардад ва ба болоравии сатҳи сармоягузорӣ мусоидат намояд.

88. Дар СМР-2030 мақсади зерин гузошта шудааст: «таъмин намудани ҳимоя ва дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар

доираи меъёрҳои СУС, ҳамчунин ташкили низоми чораҳо оид ба ҳимояи бозори дохилӣ аз маҳсулоти қалбакӣ дар соҳаи энергетика, саноат, комплекси агросаноатӣ ва аҳолӣ».

89. Ба қонунгузорӣ вобаста ба самаранок пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи объектҳои моликияти зеҳнӣ ва ҷорӣ намудани

чораҳои марҳилавии пешгирикунанда нисбат ба вайронкунандагони ҳуқуқ ба ин объектҳо тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

90. Заминаи методӣ барои муайян намудани ҳаҷми зарари расонидашудаи ҳуқуқвайронкунӣ дар самти объектҳои моликияти зеҳнӣ таҳия карда шавад.

91. Чораҳо оид ба такмили механизми ҳимоя ва васеъ намудани маҷмӯи онҳо оид ба муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ андешида шаванд.

92. Низоми ягона оид ба муқовимат ба гардиши маҳсулоти қалбакӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии аҳолии кишвар таҳдид менамояд, таъсис дода шавад.

93. Дар заминаи кафедраи ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Идораи патентӣ курсҳои омӯзишӣ барои такмили ихтисоси кормандони хадамоти гумрук ва зиддиинҳисорӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, судяҳои судҳои иқтисодӣ ва шаҳрвандӣ ташкил карда шаванд.

94. Дар баррасии парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ дар судҳо намояндагони мақомоти ваколатдори моликияти зеҳнӣ ҷалб карда шаванд.

### §6. Баланд бардоштани маърифатнокӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ. Пешбурди низоми моликияти зеҳнӣ

95. Пешбурди низоми моликияти зеҳнӣ – мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ оид ба муҳиммияти ҳимоя ва зарурияти риояи ҳуқуқи моликияти зеҳниро дорад. Бо ин мақсад барои табақаҳои гуногуни истифодабарандагон семинарҳои гуногуни мавзӯӣ (миллӣ, минтақавӣ бо иштироки коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ), чорабиниҳо оид ба интишори маълумот тавассути барномаҳои радио ва телевизион, нишастҳои матбуотӣ, чопи нашрияҳои методӣ ва даврӣ, озмунҳо, чорабиниҳои оммавӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ташкил карда мешаванд.

96. Мунтазам чорабиниҳои иттилоотӣ-фаҳмондадиҳӣ ҳамчун воситаи пешгирикунанда дар мубориза бо молҳои қалбакӣ ва қочоқ, ки барои тағйир додани мафкураи ҷамъият ва баланд бардоштани эҳтироми шаҳрвандон ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ равона гардидаанд, гузаронида мешаванд.

97. Дар соҳаи моликияти зеҳнӣ бо забони давлатӣ барои истифодабарандагони гуногун – мактаббачагон, донишҷӯён, соҳибкорон, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ адабиёти таълимӣ таҳия ва нашр карда мешаванд.

98. Курсҳо ва семинар-машваратҳои доимамалкунанда, семинарҳои миллӣ, минтақавӣ ва байнамилалӣ оид ба масъалаҳои рӯзмарраи ҳимоя ва истифодаи моликияти зеҳнӣ барои намояндагони вазорату идораҳо, муассисаҳои академӣ ва донишгоҳҳо, тоҷирон, намояндагони патентӣ, баҳогузорон, ихтироъкорон ва донишҷӯён ташкил карда мешаванд.

99. Ба муносибати Рӯзи байналмилалии моликияти зеҳнӣ ва инъикоси он дар васоити ахбори омма чорабинӣ баргузор карда мешавад.

100. Озмунҳои «Ихтироъкори беҳтарини Тоҷикистон», «Нававарон ва ихтироъкорони ҷавон» ва «Бренди сол» ҳамасола баргузор карда мешаванд.

101. Дар китобхонаҳо бо мақсади донишандӯзӣ ва баланд бардоштани маърифатнокии насли наврас ва ҷавонон технологияи иттилоотии муосир ҷорӣ карда мешавад, аз ҷумла дастрасии фосилавӣ ба хазинаи Китобхонаи давлатии патентию техникӣ таъмин мегардад, инчунин мунтазам намоишгоҳҳои даврии фосилавии адабиёти нав ва ҳуҷҷатҳои патентӣ ташкил карда мешавад.

102. Дар байни аҳолӣ оид ба соҳаи моликияти зеҳнӣ, фаъолияти ихтироъкорӣ ва ратсионализаторӣ тавассути барномаҳои мавзӯии радио ва телевизион, нашри мақолаҳо дар рӯзнома ва маҷаллаҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ ташкил карда мешаванд.

## §7. Маърифатнокии насли наврас ва ҷавонон. Рушди эҷодиёти техникии насли наврас ва ҷавонон

103. Чи тавре дар СМР-2030 қайд гардидааст: «сармояи инсонӣ омили муҳими рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, сифати он ба рушди ҳамаи соҳаҳо алоқамандии зич дорад. Сармояи инсонӣ ҷойи аввалро дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт (дар муқоиса бо сармояи табиӣ – захиравӣ, амалӣ ва молиявӣ) ишғол менамояд».

104. Бо мақсади баланд бардоштани фаъолнокии ихтироъкорӣ, ҷалби ҷавонон ба ихтироъкорӣ ҳамчун омили ҳатмии рушди бомуваффақияти инноватсионӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки ба ҳадафҳои асосии сиёсати давлат рушд ва дастгирии эҷодиёти техникии насли наврас ва ҷавонон ҳамроҳ карда шаванд.

105. Дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми байниидоравии ҳамоҳангсоз оид ба дастгирии насли наврас ва ҷавонон дар самти илм ва эҷодиёт таъсис дода шавад.

106. Барномаҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои моликияти зеҳнӣ дар сатҳи гуногун (барои мактабҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ) ва таълими фанни асосҳои моликияти зеҳнӣ бо низоми миллии таълим ва мутобиқ намудани он дар ҳар як сатҳ таҳия карда шаванд.

107. Чорабиниҳо ҷиҳати баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба тарғиби эҷодиёти илмию техникии насли наврас ва ҷавонон тавассути воситаҳои ахбори омма гузаронида шаванд.

108. Модели ташкилӣ-идоракунӣ ва таълимии шабакаи «Технопарки кӯдакона», ки дар ташаккул ва рушди тафаккури муҳандисӣ-техникӣ, таҳқиқотӣ ва ихтирокории таълимгирандагон мусоидат менамояд, таҳия карда шавад.

109. Барои рушди иқтидори илмӣ-техникии мактаббачагон ва ҷавонон дар шакли марказҳои ҷавонон ва эҷодиёти насли наврас ҳамчун муассисаи таълимии иловагӣ шароит фароҳам оварда шаванд.

110. Маҷмӯи чорабиниҳо оид ба сохтмони нав ва ё таҷдиди муассисаҳои мавҷудаи давлатии таълимии томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шаҳрҳо ва деҳаҳо бо рушди инфрасохтори дахлдор (таъмин бо гармӣ, барқ, об, роҳ ва коммуникатсияи иттилоотӣ) амалӣ карда шавад.

111. Кадрҳои касбии омӯзгорӣ барои татбиқи амалии барномаҳои таълимӣ, ки ба рушди соҳаҳои муҳандисӣ-техникӣ, таҳқиқотӣ ва ихтирокории таълимгирандагон равона шудааст, омода карда шаванд.

## 6. МАРҲИЛАҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ СТРАТЕГИЯ

112. Стратегия дар се марҳила дар асоси Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои масъалаҳои Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (замима мегардад) татбиқ карда мешавад: якум – солҳои 2021-2023; дуюм – солҳои 2024-2026 ва сеюм – солҳои 2027-2030.

### §1. Марҳилаи якум (ибтидоӣ)

113. Марҳилаи ибтидоӣ (солҳои 2021-2023) бештар ба таъсиси механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, такмили инфрасохтори низоми моликияти зеҳнӣ, таҳияи барномаи таълимӣ ва марҳила ба марҳила ворид намудани фанни моликияти зеҳнӣ дар муассисаҳои таълимӣ, мустаҳкам намудани иқтидори институтсионалии муассисаҳое, ки ба низоми моликияти зеҳнӣ вобастагӣ доранд, ҳамчунин таҳкими иқтидори функсионалии ташкилотҳо оид ба идораи коллективии ҳуқуқи муаллиф, рушди низоми ҳифзи ишораҳои ҷуғрофӣ ва ташкили гурӯҳҳои корӣ ҷиҳати фаҳмондадиҳии аҳолӣ вобаста ба оқибатҳои номатлуби қочоқ ва молҳои қалбакӣ равона шудааст.

114. Ҳамин тавр, марҳилаи ибтидоӣ (солҳои 2021-2023) ба татбиқ намудани чорабиниҳои дорои хусусияти омодагидошта алоқаманд мебошад. Бо мақсади амалӣ намудани бомуваффақияти Стратегия ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми зарурат таҳияи қонунҳои нав, инчунин омода намудани мутахассисони дахлдор дар назар аст.

### §2. Марҳилаи дуюм (асосӣ)

115. Марҳилаи асосӣ (солҳои 2024-2026) давраи татбиқи фаъоли чорабиниҳои Стратегия мегардад ва ба ҷорӣ намудани механизмҳо ва барномаҳои дар марҳилаи қаблӣ омодашуда, инчунин ба таъмини болоравии иқтидори инноватсионии муассисаҳои таҳқиқотӣ, нақши

моликияти зеҳнӣ дар фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна, азхуднамоии усулҳои амалии баҳогузории объектҳои моликияти зеҳнӣ, бақайдгирӣ ва ҳифзи ишораҳои ҷуғрофӣ, ташкили амалиёти муштарак (рейдҳо) бар зидди қочоқ ва маводи қалбакӣ равона карда мешавад.

### §3. Натиҷаҳои фосилавӣ

116. Таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда (нимаи дуюми соли 2026) дар ду марҳилаи амалишавии Стратегия гузаронида мешавад, ки монеаҳо ошкор карда шуда, амалҳои зарурӣ дар чор соли минбаъда бояд ба нақша гирифта шаванд ва мақсадҳои барои то соли 2030 гузошташуда ба даст оварда шаванд.

### §4. Марҳилаи сеюм (ниҳоӣ)

117. Марҳилаи сеюм (солҳои 2027-2030) вазифаҳоеро, ки бо таъсиси бозори мутараққии объектҳои моликияти зеҳнӣ вобастанд, якҷоя намудани онҳо ба муомилоти иқтисодӣ, фароҳам овардани шароит барои гузаштан ба роҳи инноватсионии рушди иқтисодӣ ва қабули арзишҳои ҷомеаро, ки ба донишҳо, коркардҳо ва татбиқи механизми самаранок оид ба идоракунии коллективии ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он асос ёфтаанд, муттаҳид месозад.

### §5. Ҷамъбасти натиҷаҳо

118. Таҳлили натиҷаҳои дар рафти иҷрои Стратегия (нимаи дуюми соли 2030) бадастовардашуда гузаронида мешавад ва ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба иҷрои пурраи Стратегия омода мегардад. Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба натиҷаи иҷрои Стратегияро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА БАҲОГУЗОРИИ РАФТИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

119. Низоми мониторинги рафти татбиқи Стратегия бо роҳи ташкили равиши мунтазами ҳисоботдиҳӣ, мубодилаи таъҷилии иттилоот ва баҳогузории дараҷаи татбиқ таъмин карда мешавад.

120. Мониторинги Стратегия дар тамоми давраи амали он гузаронида шуда, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумот, ошкор намудани хатогиҳо ё омилҳои ғайричашмдошт, инчунин ворид намудани тағйироти эҳтимолиро дар мундариҷа ва шакли чора ва амалҳои банақшагирифташуда, ки дар нақшаи чорабиниҳо пешбинӣ шудааст, дар бар мегирад.

121. Мониторинги амалӣ намудани Стратегия аз тарафи мақоми масъул – Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар асоси ҳисобот ва тавсияҳои мақоми иҷроияи Стратегия гузаронида мешавад.

122. Вазифаи Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ ҳамчун мақоми олии назорат аз рафти иҷрои вазифаҳои Стратегия тасдиқи нақшаи ягонаи корӣ, мониторинг ва баҳогузории натиҷаҳои бадастовардашуда, пешниҳоди ҳисоботҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

123. Стратегия дар асоси нақшаи чорабиниҳои таҳияшуда татбиқ карда мешавад. Барои ҳар як вазифаи дар нақшаи чорабиниҳо гузошташуда ва татбиқи ҳадафҳои дар боло зикршудаи Стратегия Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ чорабиниҳои мушаххас, мӯҳлати татбиқ, натиҷаҳои ниҳоии интизорбуда ва мақомоти масъули иҷрои вазифаҳои гузошташударо муайян менамояд.

124. Барои ҳалли вазифаҳои таъҷилӣ мақоми иҷроия таъсис дода мешавад, ки он ба Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ ҳисоботдиҳанда мебошад. Вазифаи мақоми иҷроия ҷамъоварӣ ва таҳлили нақшаҳои корӣ ва ҳисоботҳо оид ба кори иҷрошудаи вазорату идораҳои дахлдор ба ҳисоб меравад. Дар асоси ин, мақоми иҷроия ҳисобот ва тавсияҳоро ба Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ пешниҳод менамояд.

125. То ба охир расидани марҳилаи татбиқи Стратегия, вале на дертар аз 1 ноябри соли охири давраи дахлдор, вазорату идораҳое, ки дар нақшаи чорабиниҳо ҳамчун иҷрокунандагони масъул пешбинӣ шудаанд, ба мақоми иҷроия таклифҳоро барои ворид намудан ба нақшаи чорабиниҳо барои давраи минбаъда пешниҳод менамоянд.

126. Вазорат ва идораҳое, ки барои татбиқи Стратегия ҷалб шудаанд, ҳар сол ва ҳангоми ба охир расидани ҳар як марҳила ҳисоботро оид ба дастовардҳо аз натиҷаҳои иҷрои амалҳо, ки дар нақшаи чорабиниҳо ворид карда шудаанд, пешниҳод менамоянд. Дар асоси ҳисоботҳои пешниҳодшуда мақоми иҷроия ҳисоботҳои ҷамъбастии мониторингро таҳия менамояд.

127. Бо мақсади таъмини шаффофияти равандҳои татбиқи Стратегия ҳисобот оид ба мониторинг ва маълумот аз рафти татбиқи Стратегия ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ пешниҳод мешаванд ва инчунин дар сомонаи Идораи патентӣ нашр мегарданд.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

128. Натиҷаи асосии иҷрои Стратегия фароҳам овардани шароите мебошад, ки дар он моликияти зеҳнӣ ба навоварон ва муаллифон имконияти ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ аз кори худ ва таҳкими

дастовардҳои иқтисодии кишварро ба фоидаи олимон, навоварон ва ҷомеа дар маҷмӯъ, инчунин таҳкими рақобати иқтисодиро медиҳад.

129. Дар ҷамъбасти татбиқи Стратегия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои мусбии зерин ба даст оварда мешаванд:

- муҳити ташаккулёфта барои таъсис, истифодаи натиҷаҳои моликияти зеҳнӣ ва амалӣ намудани интиқоли технологияҳо ба баланд бардоштани сатҳи ихтироъкорӣ ва татбиқи натиҷаҳои он ба муомилоти хоҷагидорӣ оварда мерасонад;

- муҳити рақобатпазирии соҳибкории таъсисдодашуда, ки ба натиҷаҳои моликияти зеҳнӣ ва интиқоли технология асос ёфтааст, шароитро барои гузариш ба модели инноватсионии рушди иқтисодиёти кишвар фароҳам меорад, ҳамчунин ба афзоиши ҳиссаи молҳо ва хизматрасониҳо, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мусоидат менамояд, ки он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад рақобатпазир шавад ва манфиати миллии худро дар сатҳи байналмилалӣ пешбарӣ намояд;

- нуфузи кишвар ҳамчун давлати ҳуқуқӣ, ки ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳниро таъмин менамояд, беҳтар мегардад;

- низоми муқовимат ба муомилоти маҳсулоти қалбакӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии аҳолӣ таҳдид менамояд, таъсис дода мешавад;

- сатҳи таълим ва маърифатнокии ҷомеа доир ба нақш ва мафҳуми моликияти зеҳнӣ баланд мегардад, ки он бояд ба кам гардидани истифодаи молҳои қалбакӣ ва қочоқ мусоидат намояд;

- шумораи мактаббачагон ва ҷавонон дар самти эҷодиёти илмӣ-техникӣ зиёд мешавад.

130. Ҳифзи саривақтӣ ва самараноки ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ на танҳо моҳияти иқтисодӣ, балки моҳияти иҷтимоӣ низ дорад. Ҳифзи натиҷаҳои эҷодиёти адабӣ, бадеӣ ва техникӣ муаллифонро ба эҷодиёти минбаъда ҳавасманд мегардонад, натиҷаҳои фаъолияти онҳо бошад, фарҳангро ғанӣ мегардонад ва ба рушди технологии кишвар мусоидат менамояд.

Замима ба Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

## Нақшаи чорабиниҳо
## ҷиҳати иҷрои масъалаҳои Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Вазорату идораҳои масъул | Муҳлати иҷро | Натиҷаҳои ниҳоӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1. Ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ<br>Масъалаҳои калидӣ | | | | |
| 1.1 | Баррасии таъсиси мақоми ягонаи давлатӣ, ки ба масъалаҳои рушди инноватсия дар кишвар масъул бошад, аз ҷумла ба ваколати ин мақом вогузор намудани баҳисобгирӣ, мониторинг, тиҷоратикунонӣ ва татбиқи объектҳои моликияти зеҳнӣ дар истеҳсолот | Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Нимсолаи аввали соли 2021 | Дар сурати қарори мусбат мақоми дахлдори инноватсия ва тиҷоратикунонии моликияти зеҳнӣ таъсис ёфта фаъолият менамояд |
| 1.2 | Баррасии масъалаи ҷорӣ намудани унвонҳои фахрии «Ихтироъкори шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Ратсионализатори шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Шӯрои миллӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Солҳои 2021-2022 | Дар ҳолати мусбат ҳал шудан, ҳуҷҷатҳои дахлдор ба Ҳукумат ирсол карда мешавад |
| 1.3 | Ҷамъоварии иттилоот (барӯйхатгирӣ) ва ташкили феҳристи ширкат ва такшилотҳои инноватсионӣ, ки моликияти зеҳниро дар фаъолияти худ истифода мебаранд, ҳамчунин таҳияи нишондиҳандаҳое, ки фаъолияти | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | Солҳои 2021-2024 | Феҳристи ширкатҳои инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маълумоти пурра оид ба сатҳи ҳуқуқӣ ва фаъолияти истеҳсолию истифодабарии |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамоянд | | | инноватсияҳо ташкил карда мешавад |
| 1.4 | Таҳияи чораҳо оид ба такмили низоми ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ | Вазорати иқтисод ва савдо | Солҳои 2021-2022 | Меъёрҳо оид ба такмили низоми ҳавасмандгардонӣ барои таъмини фаъолияти инноватсионӣ амал менамоянд |
| 1.5 | Баррасии масъалаи таъсиси фондҳои инноватсионии венчурӣ барои намудҳои гуногуни фаъолият – истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ, хизматрасониҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолият | Вазорати саноат ва технологияҳои нав | Солҳои 2021-2025 | Барои намудҳои гуногуни фаъолият – истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноатӣ, хизматрасониҳо дар фаъолияти соҳаҳои гуногун |
| 1.6 | Таъсиси ташкилоти дастаҷамъии идоракунии ҳуқуқҳои муаллифон ва тақвияти фаъолият дар ин самт | Вазорати фарҳанг, мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ | Солҳои 2021-2023 | Ташкилотҳои дастаҷамъии ҳуқуқҳои муаллифон ташкил карда мешавад ва фаъолият менамояд |
| 1.7 | Ташкили шабакаи марказҳо (марказҳои дастгирии технология ва инноватсия) оид ба хизматрасониҳои миёнарави хусусияти гуногундошта, ки дастрасии васеъро барои ҳамаи шахсони манфиатдор таъмин менамояд, аз ҷумла субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо хизматрасонии иттилоотӣ, муҳандисӣ, машваратӣ, маркетингӣ ва рекламавӣ, инчунин пешниҳоди хизматрасониҳо дар самти экспертизаи технологӣ ва молиявии лоиҳаҳо, интиқоли технологияҳо аз рӯи ҳамаи марҳилаҳои ҷараёни инноватсионӣ, патенткунӣ ва иҷозатномадиҳӣ, сармоягузории венчурӣ, | Вазорати саноат ва технологияҳои нав | Солҳои 2021-2030 | Дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳои ҷумҳурӣ шабакаи марказҳои дастгирии технологияҳо ва инноватсияҳо фаъолият менамояд |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | суғуртаи хавфҳои инноватсионӣ ва аудити технологӣ | | | |
| 1.8 | Гузаронидани таҳлили фаъолияти технопаркҳои мавҷуда ҷиҳати муайян намудани мутобиқати самти фаъолияти онҳо ва талаботи иқтисодиёт. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда омода намудани пешниҳодҳо оид ба таъсиси технопаркҳои нав ва ҳангоми зарурият, қисман ё пурра тағйирдиҳии самти фаъолияти технопаркҳои мавҷуда | Вазорати маориф ва илм, Вазорати саноат ва технологияҳои нав | Солҳои 2021-2022 | Дар асоси аудит тавсияҳо оид ба таъсиси технопаркҳои нав ва ҳангоми зарурат тағйирдиҳии самти фаъолияти технопаркҳои мавҷуда омода карда мешавад |
| 1.9 | Тақвияти рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва аъзогӣ ба шартномаҳои байналмилалӣ | Вазорати адлия, мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | Солҳои 2021-2030 | Тоҷикистон узви комилҳуқуқи созишнома ва шартномаҳои байналмилалӣ буда, дар чорабиниҳои минтақавӣ ва байналмилалии соҳаи моликияти зеҳнӣ иштирок менамояд |
| 1.10 | Таъмини рушди инфрасохтори идораҳои моликияти зеҳнӣ | Мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | Солҳои 2021-2030 | Идораҳои моликияти зеҳнӣ ба талаботи муосир мутобиқ карда мешаванд |
| | 2. Тиҷоратикунонӣ ва таъсиси бозори моликияти зеҳнӣ<br>Масъалаҳои калидӣ | | | |
| 2.1 | Таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, омода намудани баҳогузорони моликияти зеҳнӣ ҷиҳати таъсиси институти баҳогузорони моликияти зеҳнӣ | Мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | Солҳои 2021-2022 | Қонунгузорие, ки гузаронидани баҳогузории моликияти зеҳниро танзим менамояд, амал намуда, баҳогузорони сертификатсиякардашуда объектҳои моликияти |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | зеҳниро баҳогузорӣ менамоянд |
| 2.2 | Таҳияи дастурамали баҳогузории объектҳои моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои ғайримоддии дигар, инчунин нашри тавсияҳои дахлдори методӣ | Мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | Солҳои 2021-2022 | Дастурамали методӣ оид ба Тартиби баҳогузории объектҳои моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои дигари ғайримоддӣ нашр мешавад |
| 2.3 | Таъсиси воҳидҳои зерсохторӣ оид ба тиҷоратикунонӣ ва истифодабарии моликияти зеҳнӣ дар назди муассисаҳои илмии дахлдор ва муассисаҳои соҳаи маориф | Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | Солҳои 2022-2026 | Дар назди муассисаҳои пешбари илмӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф воҳидҳои зерсохторӣ оид ба тиҷоратикунонӣ ва истифодабарии моликияти зеҳнӣ амал менамояд |
| 2.4 | Таҳияи меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ бо мақсади инъикоси натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар тавозуни муҳосибӣ ҳамчун дороиҳои ғайримоддии субъектҳои хоҷагидор | Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Идораи патентӣ | Солҳои 2021-2024 | Меъёрҳои ҳавасмандгардонӣ оид ба инъикоси натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар тавозуни муҳосибӣ ҳамчун дороиҳои ғайримоддии субъектҳои хоҷагидор амал менамояд |
| 2.5 | Гузаронидани барӯйхатгирӣ ҷиҳати ошкор намудани объектҳои моликияти зеҳнӣ ҷиҳати минбаъд ба тавозуни муҳосибӣ гирифтани ин объектҳо барои корхонаҳое, ки аз ҷиҳати иқтидор метавонанд объекти моликияти зеҳнӣ дошта бошанд | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Идораи патентӣ | Солҳои 2021-2025 | Пас аз гузаронидани аудит моликияти зеҳнии субъектҳои хоҷагидор ҳамчун унсури дороиҳои ғайримоддӣ ба тавозуни муҳосибӣ гирифта мешавад |
| 2.6 | Таҳияи интернет-равзанаи субъектҳои моликияти зеҳнӣ ва шахсони манфиатдор, | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, мақоми ваколатдор | Солҳои 2023-2026 | Интернет-равзана фаъолият менамояд, ки дорандагони моликияти |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | харидорони эҳтимолӣ барои тиҷоратикунонии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ. Интернет-равзана феҳристи объектҳои моликияти зеҳниро нигоҳ медорад, ки барои тиҷоратикунонӣ дастрасанд (бо роҳи иҷозатномадиҳӣ ва вогузорӣ) | дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | | зеҳнӣ ва харидорони эҳтимолии моликияти зеҳниро муттаҳид месозад |
| 3. Рақамикунонӣ<br>Масъалаҳои калидӣ | | | | |
| 3.1 | Таъсиси Фонди давлатии моликияти зеҳнӣ дар шакли низоми иттилоотии фосилавӣ барои таъмини дастрасӣ ба маълумот дар бораи пешрафти техникӣ дар самтҳои гуногуни фаъолияти инсон ва объектҳои ҳифзшавандаи моликияти зеҳнӣ | Мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | Солҳои 2021-2022 | Низоми иттилоотии фосилавӣ давра ба давра таҷдид гардида, дастрасии маълумот оид ба пешрафти техникӣ дар самтҳои гуногуни фаъолияти инсон ва объектҳои ҳифзшавандаи моликияти зеҳнӣ таъмин мегардад |
| 3.2 | Таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани пешниҳоди аризаи рақамӣ ҷиҳати бақайдгирии объектҳои моликияти зеҳнӣ, пардохти рақамии боҷҳо, мукотиботи рақамӣ оид ба коргузорӣ ва бақайдгирии вогузории ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ | Идораи патентӣ | Солҳои 2021-2022 | Қонунгузории амалкунанда имконият медиҳад, ки ҳамаи амалҳои марбут ба бақайдгирии объектҳои моликияти зеҳнӣ дар шакли рақамӣ тавассути шабакаи интернет амалӣ карда шаванд |
| 3.3 | Ҷорӣ намудани низоми гардиши ҳуҷҷатгузории рақамӣ бо мақсади автоматикунонии пурраи экспертизаи давлатӣ ва баланд бардоштани сифат ва доираи хизматрасониҳо, ки аз ҷониби Идораи патентӣ пешниҳод мешаванд | Идораи патентӣ, Вазорати фарҳанг, Вазорати кишоварзӣ | Солҳои 2022-2025 | Гардиши ҳуҷҷатгузории рақамӣ дар мақомоти ваколатдори соҳаи моликияти зеҳнӣ дар шакли рақамӣ иҷро мешавад |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3.4 | Таъсиси портали хизматрасониҳои рақамии Идораи патентӣ бо дастрасии замимаи мобилӣ, ки имконият медиҳад ҷустуҷӯ аз рӯйи феҳрист ва манбаъҳои иттилоотии Идораи патентӣ амалҷ гарданд | Идораи патентҷ | Солҳои 2024 - 2026 | Аризадиҳандагон оид ба бақайдгирии объектҳои моликияти саноатҷ (ихтироот, намунаҳои саноатҷ, тамғаҳои молҷ, ишораҳои ҷуғрофҷ) ариза медиҳанд ва коргузориро тавассути портали хизматрасониҳои рақамҷ иҷро менамоянд |
| 3.5 | Ташкили механизми муайяни ҳуқуқҷ ва институтсионалҷ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи риояи муқарраროти қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар муҳити рақамҷ, аз ҷумла нисбати барномаҳои иҷозатномадиҳҷ ва маводи мултимедиавҷ | Вазорати фарҳанг, Хадамоти алоқа, Вазорати корҳои дохилҷ, Кумитаи телевизион ва радио | Солҳои 2021-2023 | Шумораи барномаҳои иҷозатноманадошта ва маҳсулоти мултимедиявҷ ихтисор гардида, ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар муҳити рақамҷ риоя карда мешаванд |
| 3.6 | Гузаронидани корҳои илмҷ-тадқиқотҷ бо мақсади таҳлили тамоюли истифодабарии технологияҳои муосири рақамҷ, блокчейнҳо, нейросетҳо ва технологияҳои зеҳнияти сунъҷ дар фаъолияти идораҳои дахлдор | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нав | Солҳои 2021-2025 | Аз рӯи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии гузаронидашуда тавсияҳо оид ба истифодабарии технологияҳои муосири рақамӣ, блокчейнҳо, нейросетҳо ва технологияҳои зеҳнияти сунъӣ дар фаъолияти мақомоти дахлдори соҳаи ваколатдори моликияти зеҳнӣ коркард карда мешавад |
| 4. Брендҳои минтақавҷ | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Масъалаҳои калидӣ | | | | |
| 4.1 | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» вобаста ба объекти нав – ишораҳои ҷуғрофӣ | Идораи патентӣ | Солҳои 2021-2022 | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» масъалаҳои алоқаманд ба ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи объекти нав – ишораҳои ҷуғрофиро (дар асоси Созишномаи ТРИПС) танзим менамояд |
| 4.2 | Таҳлили мақсаднокии ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Санади Женевагии Созишномаи Лиссабон дар бораи номи ҷойи пайдоиши мол ва ишораҳои ҷуғрофӣ (аз 20 майи соли 2015) | Идораи патентӣ | Соли 2022 | Дар ҳолати ҳалли мусбии масъалаи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Санади Женевагии Созишномаи Лиссабон дар бораи номи ҷойи пайдоиши мол ва ишораҳои ҷуғрофӣ (аз 20 майи соли 2015) ҳамроҳ мешавад |
| 4.3 | Ташкили гурӯҳи корӣ ҷиҳати фаҳмондадиҳии маъруфият ва бартарияти ишораҳои ҷуғрофӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва тартиби бақайдгирии ишораҳои ҷуғрофӣ дар Идораи патентӣ | Вазорати кишоварзӣ, Агентии содирот, Идораи патентӣ | Солҳои 2024-2026 | Бо мақсади фаҳмондадиҳии бартарияти ишораҳои ҷуғрофӣ ва тартиби бақайдгирии он барои истеҳсолкунандагон ва роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ дар минтақаҳои аҳолинишин семинарҳои сайёр ташкил карда мешавад |
| 4.4 | Гузаронидани чорабиниҳо ҷиҳати ошкор намудани маҳсулоти кишоварзӣ, ки таркиби | Вазорати кишоварзӣ, Агентии содирот | Солҳои 2024-2030 | Чорабиниҳо оид ба ошкор намудани маҳсулоти |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | беназир ва ҷолибияти махсуси истеъмолӣ дорад ва онҳоро бо истифода аз ишораҳои ҷуғрофӣ ба бозор ҳамчун молҳои беназир баровардан мумкин аст | | | маҳаллие, ки хусусияти хос ва ҷолибияти истеъмолии махсус дорад ва ба сифати ишораи ҷуғрофӣ ба қайд гирифтан мумкин аст, гузаронида мешавад |
| 4.5 | Дастгирии ташаккулёбии брендҳои минтақавӣ, ки аз захираҳои иқтисодӣ, иқтидори иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва табиӣ-фароғатии минтақа асос ёфтааст ва онҳо ҳамчун омили муҳимми рушди минтақа ва пешбурди маҳсулоти минтақа мусоидат менамоянд | Вазорати кишоварзӣ, Агентии содирот | Солҳои 2022-2030 | Меъёрҳо оид ба дастгирии брендҳои минтақавӣ дар асоси ишораҳои ҷуғрофии бақайдгирифташуда коркард шуда, мавриди амал қарор мегирад |
| 4.6 | Таҳияи Барнома оид ба истифодабарии брендҳои минтақавӣ ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он | Кумитаи рушди сайёҳӣ | Соли 2022 | Бо ёрии брендҳои минтақавӣ соҳаи сайёҳӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он рушд менамояд |
| 5. Ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ<br>Масъалаҳои калидӣ | | | | |
| 5.1 | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ вобаста ба пешгирии самараноки ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи объектҳои моликияти зеҳнӣ ва ҷорӣ намудани чораҳои марҳилавии пешгирикунанда нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон ба ин объектҳо | Вазорати корҳои дохилӣ, Хадамоти гумрук, Хадамоти зиддиинҳисорӣ | Солҳои 2021-2022 | Ҳуқуқвайронкунӣ дар самти объектҳои моликияти зеҳнӣ самаранок пешгирӣ карда шуда, нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон ба ин объектҳо ҷавобгарии мувофиқ таъин карда шудааст |
| 5.2 | Таҳияи заминаи методӣ барои муайян намудани ҳаҷми зарари расонидашудаи | Вазорати корҳои дохилӣ | Солҳои 2021-2022 | Ҳаҷми зарари расонидашудаи ҳуқуқвайронкунӣ дар |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ҳуқуқвайронкунӣ дар самти объектҳои моликияти зеҳнӣ | | | самти объектҳои моликияти зеҳнӣ аз рӯи дастури тасдиқшуда муайян карда мешавад |
| 5.3 | Қабули меъёрҳо оид ба такмили механизми ҳимоя ва тавсеаи маҷмӯи чораҳо оид ба муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ | Хадамоти гумрук, Вазорати корҳои дохилӣ, Агентии «Тоҷикстандарт», Хадамоти зиддиинҳисорӣ | Солҳои 2021-2022 | Чораҳо оид ба муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ амал менамоянд |
| 5.4 | Таъсиси низоми ягона оид ба муқовимат ба гардиши маҳсулоти қалбакӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии аҳолии кишвар таҳдид менамояд | Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба масъалаи бехатарии маводи озуқаворӣ, Агентии «Тоҷикстандарт», Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Хадамоти гумрук, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | Солҳои 2021-2024 | Маводи доруворӣ ва маҳсулоти хӯрокворӣ ҳамчун маводи бехатар ба саломатии аҳолӣ назорат карда мешавад |
| 5.5 | Ташкили курсҳои омӯзишӣ барои такмили ихтисоси кормандони хадамотҳои гумрук ва зиддиинҳисорӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва судяҳо дар заминаи кафедраи ҳифзи объектҳои моликияти саноатии Идораи патентӣ | Вазорати адлия, Хадамоти гумрук, мақоми ҳифзи ҳуқуқ Идораи патентӣ | Мунтазам | Мутахассисони хадамоти зиддиинҳисорӣ ва гумрук Вазорати корҳои дохилӣ ва судяҳо давра ба давра савияи дониши худро дар |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | соҳаи моликияти зеҳнӣ такмил медиҳанд |
| 6. Баланд бардоштани маърифатнокӣ дар самти моликияти зеҳнӣ<br>Масъалаҳои калидӣ | | | | |
| 6.1 | Омода ва нашри адабиёти таълимии соҳаи моликияти зеҳнӣ бо забони давлатӣ барои истифодабарандагони гуногун – мактаббачагон, донишҷӯён, соҳибкорон, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | Идораи патентӣ, Вазорати фарҳанг | Солҳои 2021-2025 | Барои доираи васеи истифодабарандагон адабиёт дар соҳаи моликияти зеҳнӣ нашр мешавад |
| 6.2 | Ташкили курс ва семинар-машваратҳои доимоамалкунанда, семинарҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои рӯзмарраи ҳимоя ва истифодаи моликияти зеҳнӣ барои намояндагони вазорату идораҳо, муассисаҳои академӣ ва донишгоҳҳо, тоҷирон, намояндагони патентӣ, баҳогузорон, ихтироъкорон ва донишҷӯён | Мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | Мунтазам | Курс ва семинар-машваратҳои доимоамалкунанда дар мавзӯи асосҳои моликияти зеҳнӣ, семинарҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ доир ба масъалаҳои мубрами ҳифз ва истифодабарии ҳукуқ ба моликияти зеҳнӣ амал менамоянд |
| 6.3 | Баргузории озмунҳои «Ихтироъкори беҳтарини Тоҷикистон», «Навоварон ва ихтироъкорони ҷавон» ва «Бренди сол» | Идораи патентӣ | Мунтазам | Озмунҳои «Ихтироъкори беҳтарини Тоҷикистон», «Навоварон ва ихтироъкорони ҷавон» ва «Бренди сол» гузаронида мешавад |
| 6.4 | Ба таври таъҷилӣ дар китобхонаҳо ҷорӣ намудани технологияи иттилоотии муосир бо мақсади донишандӯзӣ ва баланд бардоштани маърифатнокии насли наврасу ҷавонон, аз ҷумла таъмини дастрасии | Вазорати фарҳанг Идораи патентӣ | Солҳои 2021-2024 | Дар китобхонаҳо технологияи иттилоотии муосир ҷорӣ карда шудааст, ки имконияти гузаронидани |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | фосилавҷ ба хазинаи Китобхонаи давлатии патентию техникӣ, инчунин мунтазам ташкил намудани намоишгоҳҳои даврии фосилавҷ, адабиёти нав ва ҳуҷҷатҳои патентҷ | | | намоишгоҳҳои даврию фосилавҷ ва адабиёти навро фароҳам меорад, ҳамчунин хизматрасонии босифати рақамҷ таъмин карда мешавад |
| 6.5 | Ташкили корҳои фаҳмондадиҳҷ дар байни аҳолҷ дар бораи соҳаи моликияти зеҳнӣ тавассути барномаҳои мавзӯҷ-машваратии радио ва телевизион, чопи мақолаҳо дар рӯзнома ва маҷаллаҳо | Мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнҷ ва идораҳои дахлдор | Мунтазам | Барномаҳои мавзӯии радио ва телевизион гузаронида шуда, мақолаҳои дахлдор дар рӯзнома ва маҷаллаҳо нашр карда мешаванд. |
| 6.6 | Тақвияти ҳамкориҳо бо бахши хусусҷ дар самти моликияти зеҳнҷ | Мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнҷ, Палатаи савдо ва саноат ва ташкилотҳои дигари ҷамъиятҷ | Мунтазам | Ҳамкориҳо бо бахши хусусҷ тақвият дода мешавад |
| 7. Маърифатнокии насли наврас ва ҷавонон<br>Масъалаҳои калидҷ | | | | |
| 7.1 | Дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси мақоми байниидоравии ҳамоҳангсоз оид ба дастгирии насли наврас ва ҷавонон дар самти илм ва эҷодиёт | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Вазорати маориф ва илм, мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнҷ ва идораҳои дахлдор | Солҳои 2021-2022 | Мақоми байниидоравҷ оид ба дастгирии эҷодиёти илмҷ ва техникии насли наврас ва ҷавонон фаъолияти ҳама намуд марказҳои маълумоти иловагиро ҳамоҳангсозҷ менамояд |
| 7.2 | Таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои моликияти зеҳнҷ дар сатҳи гуногун (барои мактабҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбҷ) ва таълими | Вазорати маориф ва илм, мақоми ваколатдор | Солҳои 2021-2022 | Дар ҳама сатҳҳои таълим барномаҳои таълимҷ дар самти омӯзиши масъалаҳои моликияти зеҳнҷ мавҷуд аст |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | фанни асосҳои моликияти зеҳнӣ бо низоми миллии таълим ва мутобиқ намудани он дар ҳар як сатҳ | дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | | |
| 7.3 | Пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба тарғиби эҷодиёти илмию техникии наврасону ҷавонон тавассути воситаҳои ахбори омма | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ ва идораҳои дахлдор | Мунтазам | Воситаҳои ахбори омма мунтазам дар бораи дастовардҳои эҷодиёти илмӣ ва техникии насли наврас ва ҷавонон маълумот интишор менамояд |
| 7.4 | Мутобиқати модели ташкилии таҳияшуда шабакаи «Технопарки наврасон» дар марказҳои рушди истеъдодҳо ҳамчун маҳфил бо таври пилотӣ, ки дар ташаккул ва рушди тафаккури муҳандисӣ-техникӣ, таҳқиқотӣ ва ихтироъкории таълимгирандагон мусоидат намояд | Мақоми ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва идораҳои дахлдор | Солҳои 2022-2030 | Натиҷаҳои лоиҳаи пилотии «Технопарки бачагона» барои ташкили марказҳои ҷавонон ва марказҳои эҷодиёти кӯдакон бо мақсади таъмини маълумоти иловагӣ истифода бурда мешавад |